Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036-и
назди Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи СотимУлуғзода
(734019, ш. Душанбе, к. Ф. Муҳаммадиев
17/6)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимзода Сафаралӣ Абдусамад дар мавзуи «Таҳлили ҷанбаҳои забоншиносии фарҳангии номвожаҳои ҷуғрофӣ дар таркиби воҳидҳои фразелогӣ (дар асоси маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа(PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии мукоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар ҳақиқат, рехтагии қолаб устувории таркиб ва маънои яклухтро ифода кардан аз аломатҳои хос ва аз принсипҳои асосии ҷудо кардани воҳидҳои фразеологӣ мебошад.

Аҳаммияти ин таҳқиқот аз тамоюли умумии забоншиносии муосир ба омӯзиши омилҳои фарҳангии ташаккули забон вобаста мебошад. Дар рисола дар заминаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мушкилоти ҷузъи миллӣ-фарҳангии маънои топоним мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки ба ошкор сохтани хусусиятҳои тасвири фразеологии олам аз ҷониби гӯяндагони забонҳои мавриди назар мусоидат мекунад. Ин таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин таҷрибаи тавсифи забонӣ-фарҳангии воҳидҳои фразеологии топонимикӣ аз нуқтаи назари муқоисавӣ дар забоншиносии муосири тоҷик ба шумор меравад.

Муаллифи рисола дар тадқиқоти хеш аз манбаъҳо ва сарчашмаҳои зиёде истифода намудааст ва мустафод аз манобеву сарчашмаҳо танҳо ба хотири зикр ё иқтибоси порчае аз онҳо набуда, балки дар бисёре аз маворид онҳо ба хотири ишора ба аҳаммият ё нуқсонашон дар мавзӯи мавриди баҳс қайд мегардад. Чунин тарзи мустафод аз сарчашмаву манобеъ қимати илмии пажӯҳишро афзуда, нишонгари камоли ҳунари пажӯҳанда мебошад.

Дар умум, дар муқадимаи кор бандҳои муҳими таҳқиқот ба таври илмӣ асоснок баён гардидаанд.

Бобҳо ва зербобҳо хеле дақиқ ва илманномгузорӣ карда шудаанд ва ҳар яки онҳо вобаста ба унвонашон фарогири маълумоти муафассал мебошанд. Новобаста аз оне ки дар автореферат фишурдаи маълумоти диссертатсия ҷой дода мешаввад, муаллиф тавонистаст дар он мисолҳои ҷолибро ишора намояд. Маводи воқеӣ барои таҳқиқот бо усули намунагирии пайваста аз як қатор маъхазҳои фразеографии ватанию хориҷӣ ва луѓатҳои топонимикро унвоҷу дар ин рисола ҷой додааст.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки мисолҳо ҳам аз забони тоҷикӣ ва ҳам аз забони англисӣ илман ва хеле хуб мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Мақолаҳои таълифшудаи муҳаққиқ фарогири мазмуну мундариҷаи диссертатсия буда, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олииаттестатсионии Федератсияи Россия ба чоп расидаанд.

Мавриди зикр аст, ки автореферат дар қатори муваффақиятҳо дорои баъзе норасоиҳо низ мебошад:

1. Ғалатҳои имлоӣ ва орфографӣ низ аҳёнан ба назар мерасанд.

Бо вуҷуди ин, эродҳои зикршуда арзишнокии авторефератро паст намекунанд.

Таҳқиқоти илмии аз тарафи муаллиф Раҳимзода Сафаралӣ Абдусамад ба анҷомрасонидашуда маводи хуби илмӣ амали соҳаи забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсияи Раҳимзода Сафаралӣ Абдусамад дар мавзуи **“Таҳлили ҷанбаҳои забоншиносии фарҳангии номвожаҳои ҷуғрофӣ дар таркиби воҳидҳои фразелогӣ (дар асоси маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)”** ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи

ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
Мудири кафедраи забонҳои хориҷии
Академия идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҳмонова Наргис Шарифовна

Имзои профессор Раҳмонова Н.Ш.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ Бобозода О.О.

24.09.2022

**Суроға:**734003 ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33
Тел.: (992 37) 224-17-86
www.apa.tj
Телефон: 93-913-84-84;
Email:: nargisbonu66@mail.ru.